*Ба ҳукми дастнавис*
**УДК 891550 002 (573, 3)**

**БОБОРАҶАБОВА ГУЛНОЗА**

# КОНСЕПСИЯИ ШАХСИЯТ ВА ҲУНАРИ ЧЕҲРАНИГОРӢ ДАР ОСОРИ САДРИДДИН АЙНӢ

**Ихтисоси 10. 01. 01 – Адабиёти тоҷик**

**А В Т О Р Е Ф Е Р А Т И**
**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология**

**Душанбе – 2019**

Таҳқиқот дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба анҷом расидааст.

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ:** | **Муллоев Абдусамад -** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Кучаров Аламхон -** узви вобастаи АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; |
| | **Дӯстов Комилҷон -** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забон ва адабиёти ДАТ ба номи Шириншо Шоҳтемур |
| **Муассисаи пешбар:** | Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода |

Ҳимояи диссертатсия 30 январи соли 2019, соати 13 дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D . КОА- 028 назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, (734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121), бинои асосӣ, ошёнаи 2, толори Шӯрои олимони донишгоҳ баргузор мегардад.

Бо матни диссертатсия ва автореферати он дар китобхона ва сомонаи ДДОТ ба номи С. Айнӣ www/tgpu/tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат рӯзи “___”________ 2019 фиристода шуд.

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ, номзади илмҳои филология, дотсент** **Мирзоалиева А. Ш.**

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Аҳамияти мавзӯъ.** Дар саромади тамаддуни ҳар қавму миллат афроде қарор доранд, ки бо нерумандиву фарҳангсолорӣ ва хизматҳои шоиста шахсияти азим ва рисолати наҷибро соҳиб гардида, сабабгори бақо ва ҳастии фарҳанги халқу миллати хеш мегарданд. Ҳамин гуна рисолати таърихӣ ва фарҳангиро дар ибтидои садаи XX барои миллати тоҷик Садриддин Айнӣ бар дӯш гирифта тавонист.

Садриддин Айнӣ аз зумраи адибонест, ки дар сафҳаи пуршаъни тамаддун ва марҳилаи ҳассосу душвори таърихии халқҳои собиқ аморати Бухоро бо чунин пайкори наҷибу созанда ва мақоми арҷманд дар эҳёву бақои ҳастии давлатдории миллӣ ва шинохти тоҷикон дар ақсои олам ҷон ба гарав гузошта, як умр бошарафона дар ҳимояи адолати иҷтимоӣ, ғами халқу давлат ва миллат қарор дошта, дар мабнои таъсире, ки баъд аз худ мероси пурарзише бар ҷой мондааст, намои шахсияти барҷаста ва чеҳраи дурахшону мондагори халқҳои Осиёи Марказӣ дар қарни XX шинохта шуда, бо сарнавишти пурсӯз, зиндагонии пуразоб ва фоҷеабор талхиву нокомиҳои давраи ҳассостарини таърихии халқи тоҷикро таҳмил намуда, дар ташакукули ҳувияти ҷомеа таъсири судманд гузоштааст.

Дар ин робита шахсият, симои наҷибу ҷовидона, консепсияи эҷодӣ ва ҷусторҳои ҳунарии устод С. Айнӣ тимсоли барҷастаи ҳунари нависандагӣ, завқу андеша ва тафаккури бадеӣ аст, ки барои ҳувият ва худшиносии миллӣ заминаи боэътимод гузоштааст. Табиист, ки С. Айнӣ дар осораш баҳри пойдории арзишҳои ахлоқиву ҳунарӣ ва бақои умри халқ хидмат намуда, дар замони эҳёи таърихиву фарҳангӣ ба диди мушаххаси зебоишинохтӣ ва ғояҳои иҷтимоӣ тарҳу таровати тоза гузоштааст. Рӯзгор ва фаъолияти эҷодии С. Айнӣ мавзӯест гуногунпаҳлӯ, ғановатманд ва фароху доманадор ва осораш намунаи санъати зебо ва дастурамали ҳаётии мо буда, қуввати нависандагӣ ва ҳунари тасвирии ӯ дар навъи худ беназир аст. Осори безаволи С. Айнӣ ҳамчун намунаи барҷастаи насри реалистии адабиёти навини тоҷикии садаи XX арзишҳои хоси ғоявӣ ва зебоишинохтӣ дошта, ба раванди инкишофи адабиёту фарҳанги халқҳои ҳамҷавор таъсири судманд гузоштааст. Бинобар ин, дар таҳқиқ ва таҳлили ҳаёт ва фаъолияти эҷодии С. Айнӣ андеша бояд бо арзёбии мунсифона ва дақиқназарона

бар пояҳои солими илмӣ, ахлоқӣ ва таърихӣ бунёд ёбад ва муҳимтарин падидаҳои осори эҷодиро новобаста аз фазои ҷомеаи хукмрон ва маҳдудияти мафкуравӣ таъин намояд.

Дар фаъолияти эҷодии С. Айнӣ таҷассуми бадеии воқеияти давраи муайяни таърихӣ ва марҳилаи ҳассоси сарнавишти таърихии халқ моҳияти андешаи муаллиф ва махсусияти ҷустуҷӯҳои бадеиро дар қаринаи таърихиву фарҳангӣ муайян сохтааст. Таҳаввул ва ташаккули сарнавиштҳову характерҳои гуногун ва фарогирии вусъатноки шинохти маърифати бадеии таърих дар тахайюлоти эҷодии нависанда арзишманд ва ибратпазир буда, диди ҳамосии воқеият, пайванди таҳқиқи илмӣ, публисистӣ ва бадеиро падид оварда, арзиши осори нависандаро ба маротиб афзун гардонидааст. Осори безавол, шахсияти наҷиб ва чеҳраи дурахшони устод С. Айнӣ ба эътирофи муҳаққиқон сабақи таърих аст ва рӯҳи бедори халқ ва таърихи ҷовидони миллат мебошад.

**Дараҷаи омӯзиши мавзӯъ**. Ташаккул ва таҳаввули адабиёти тоҷикии садаи XX бештар ба фаъолият, нерӯи эҷодӣ ва рисолати адабию эҷодии Садриддин Айнӣ вобастагӣ дошта, бар асари низоми худком ва тарҳрезишудаи мафкуравии хукмрони даврони собиқ Шӯравӣ ва меъёрҳои таҳмилии таҳқиқ ва шинохти адабиёт ба таври комилу саҳеҳ мавриди таҳқиқ ва баррасии дақиқ қарор нагирифтаст. Аксари пажуҳишгарону муҳаққиқон андешаҳои хешро аз нигоҳи равишу усулҳои таҳмилии даврони ҳукмрон ва манофеи табақотию синфиятчӯию иҷтимоъгароӣ созмон дода, аз таҳлилу арзёбии ҷанбаҳои муҳими эҷодӣ ва асилияти шахсияти ҳунарӣ дар канор монданд.

Осори С.Айнӣ дар марҳилаҳои фаъолияташ мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон ва пажӯҳишгарони адабиёт қарор гирифта, ба худ ҷалб намудааст. Ҳанӯз аз солҳои сиюми қарни XX таҳқиқот ва бинишҳои таҳқиқотии гуногун перомуни шахсият, осор ва ҳунари нависандагии С. Айнӣ бо ноқидиҳои пуртаззоди муаллифон бо эҷоди мақола, тақризу гузоришҳо, пажӯҳишҳои илмӣ, ҳамчунин китобҳои таърихи адабиёт, таълифоти назарӣ ва бадеӣ вобаста ба консепсия ва ҳунари эҷодии нависанда анҷом ёфтааст.

Дар айнишиносӣ таълифоти И.С.Брагинский «Садриддин Айнӣ. Мавод оид ба тарҷумаи ҳол ва хусусиятҳои эҷодиѐт» (1948) ва «Садриддин Айнӣ. Очерки зиндагӣ ва эҷодиѐти ӯ» (1954), «Зиндагӣ ва эҷодиёти Садриддин Айнӣ» ( 1959), «Ҳаѐт ва эҷодиѐти С.Айнӣ» (1968),

«Масъалаҳои эҷодиёти Садриддин Айнӣ» ( 1976), «Аз Авасто то Айнӣ» ( 1981) ва мақолоти дигари гуногун мақоми арзанда доранд.

Дар китоби «Зиндагӣ ва эҷодиёти Садриддин Айнӣ» И.С. Брагинский яке аз аввалинҳо шуда, оид ба сарчашмаҳои эҷодиёти Айнӣ, ҷустуҷӯ ва мубоpизаҳои ӯ, таъсири мактаби инқилоб, таълифи асарҳои «Одина», «Дохунда» ва «Ғуломон», ҳикояи «Мактаби кӯҳна», повестҳои «Аҳмади девбанд», «Ятим», «Марги судхӯр» ва «Ёддоштҳо» изҳори назар мекунад. Ҳамзамон, И.С. Брагинский таҳқиқи андешаҳои адибони машҳур К.Федин, Л.Леонов, В.Каверин, Я.Колас, П.Тичина, Ю.Фучик, Л.Арагон ва дигаронро дар бораи устод Айнӣ аз корҳои муҳим маҳсуб медонад. Дар мавриди таҳқиқи масъалаҳои эҷодиёти Садриддин Айнӣ якчанд таълифоти муҳим, аз ҷумла таълифоти Радий Фиш ва Раҳим Ҳошим «Бо амри виҷдон» , М. Шукуров «Садриддин Айнӣ», С. Табаров "Зиндагиномаи С. Айнӣ", А. Сайфуллоев «Мактаби Айнӣ», Л.Н. Демидчик ҷилди дувуми «Таърихи адабиёти шӯравии тоҷик», «Луғатномаи асарҳои Айнӣ», андешаҳои Иржи Бечка, Н.Раҳимов ва маҷмӯаи «Шӯҳрати ҷаҳонии Айнӣ» ва ғайра анҷом ёфтааст, ки судманд мебошанд.

Осори С. Айнӣ аз оғози фаъолияташ дар иртибот ба масъалаҳои раванди адабиёти муосири тоҷик дар доираи мубоҳиса, мизҳои мудаввар, хонишҳои адабӣ, конфронс ва семинарҳо, маҷаллаҳои "Барои адабиёти сотсиалистӣ", "Шарқи Сурх", "Садои Шарқ" ва дигар маҷаллаву расонаҳо мавриди нақду арзёбии адабиётшиносон қарор гирифта буд.

Дар ин робита биниш ва мулоҳизаҳои судманд дар боби айнишиносӣ дар таълифоти донишмандон И.С. Брагинский, М.Шукуров, С. Табаров, Х. Мирзозода, Р. Ҳодизода, Х.Асозода, Х. Шарифов, А.Сайфуллоев, М.Раҷабӣ, А.Сатторзода, А. Кучаров, А. Маҳмадаминов, М. Имомов, М.Ю.Хоҷаева, А.Набавӣ, М. Абдуллоев, А. Муллоев, Ш. Солеҳов, Ҷ.Ҳамроев ва чанде дигарон баён шудааст.

Дар замони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фароҳам омадани озодандешӣ нақш ва ҷойгоҳи С. Айнӣ дар таърихи адабиёти навини тоҷикӣ дар робита ба консепсияи ҳунарӣ ва фардияти эҷодӣ, ҷустуҷӯҳои тафаккури бадеӣ ва ҳунари зебоишинохтӣ бояд муайян ва мушаххас гардад. Дар айни замон таҳқиқи консепсия ва фардияти эҷодӣ дар мисоли асарҳои ҷудогонаи С. Айнӣ дар адабиётшиносии тоҷик ба таври

ҷудогона мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор нагирифтааст. Бинобар ин, зарурати тадқиқи консепсияи бадеии шахс ва маҳорати чеҳранигорӣ дар осори С. Айнӣ, махсусан дар “Ёддоштҳо”ба миён омадааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқот муайян кардани ҷусторҳои фардии тафаккури эҷодӣ дар шинохт ва биниши тозаи осори бадеӣ ва арзишҳои маънавию маърифатӣ буда, таҳлил ва арзёбии хусусияти ғоявию мундариҷавӣ ва бадеии осори С. Айнӣ дар заминаи мавзӯи мавриди назар ҳадаф ва вазифаҳои ҷустуҷӯи илмиро дарёфт ва арзёбӣ мекунад. Барои амалӣ гаштани ин аҳдоф ба ҳалли вазифаҳои зерин таваҷҷӯҳ зоҳир шуд:

- таҳлили осор ва фаъолияти эҷодии С. Айнӣ, муайян намудани марҳилаҳои ташаккули шахсият ва чеҳраи ҳунарии адиб;
- таҳаввул ва ташаккули сарнавиштҳову характерҳои гуногун ва фарогирии вусъатноки шинохти маърифати бадеии таърих дар тахайюлоти эҷодии нависанда;
- дар заминаи биниши нави таҳқиқи рӯзгору осори С. Айнӣ мушаххас намудани консепсияи бадеии эҷодиёти ӯ дар қарина ва муҳити адабии замон;
- баррасӣ ва арзёбии консепсияи мушаххаси илмию эҷодӣ дар мисоли фардияти эҷодии нависанда ва қаринаи муайяни таърихии ташаккул ва таҳаввули насри муосири тоҷикӣ;
- муайян намудани фардияти эҷодӣ ва ҳунари нависандагӣ дар мисоли “Ёддоштҳо”-и С. Айнӣ ;
- арзёбии падидаи ҳунарӣ, ҷанбаҳои маърифатӣ ва ахлоқӣ дар “Ёддоштҳо”-и С. Айнӣ , биниши тафаккури бадеии нависанда ва равшан сохтани равишҳои ҳунарӣ;
- бозтоби шахсияти таърихию эҷодӣ, чеҳраи адабӣ, симои муаллиф ва афроди эҷодкор дар «Ёдддоштҳо»-и С. Айнӣ;
- таҷассуми симои равшанфикрон, шинохти шахсият ва симои Аҳмади Дониш дар «Ёдддоштҳо»-и С. Айнӣ;

**Асосҳои методологӣ ва назарии таҳқиқот.** Асоси методологии таҳқикро усулҳои илмии ба арзишҳои умумиинсонӣ ва миллӣ асосёфта ташкил медиҳад. Дар ин таҳқиқот арзишҳои маданӣ-таърихӣ, компаративистика, таҳлили адабӣ-структуравии матни бадеӣ, усулҳои таърихӣ-муқоисавӣ, усули умумии универсалӣ, баён, таҳлил ва усулҳои таҳқиқотие, ки дар асарҳои

олимони ватанӣ ва хориҷи кишвар дида мешавад, истифода шудааст. Принсипи асосии таҳқиқот усули муқоисавӣ-таърихӣ мебошад, ки он ба дарки қонунҳои илми адабиётшиносӣ ва истифодаи он дар ҷараёни таҳлили танқидии асари бадеӣ истифода мешавад. Бо усулҳои таҳлилии илмиву таърихӣ ва таърихию адабӣ, ки ба дастурҳои назарии муҳаққиқони таърихи адабиёт ва назарияи он М.М.Бахтин, Д.С.Лихачев, Г.Н.Поспелов, М.Шакурӣ, С. Табаров, Х. Мирзозода, Р. Ҳодизода, Х.Шарифов, А.Сайфуллоев, А.Сатторзода, А. Раҳмонов, М. Имомов, А. Набавӣ ва дигарон такя кардааст.

**Масъалаҳои асосие ки ба дифоъ пешниҳод мешавад**:

- дар осори насрии устод Айнӣ дар заминаи суннатҳои адабии гузашта ва хоса аз шеваҳои чеҳранигории насри ривоятии форсии тоҷикӣ фаровон истифода шуда, дар қиссаҳои «Ҷаллодони Бухоро», «Одина», «Марги судхӯр, романҳои «Дохунда», «Ғуломон» ва “Ёддоштҳо” чеҳраҳои зиёди комилу пурраи бадеиро ба вуҷуд оварда, навҷӯиву тозакориҳои зиёд кардааст.

- маҷмуи андеша ва фарзияи мушаххаси илмӣ, падидаҳои адабӣ ва таъйини фардияти эҷодӣ дар мисоли “Ёддоштҳо”- и С. Айнӣ дар насри муосири тоҷик бо диди тоза баррасӣ шуда, фаъолияти адабии нависанда дар иртибот бо замони ӯ, муҳити адабии давр, арзишҳои ҳунарӣ, бо фарогирии таҳқиқоти донишмандони дигар, бо биниши тозаи нақди адабии даврони истиқлол омӯхта ва таҳқиқ шудааст.

-ҷусторҳои ҳунарӣ, фардияти эҷодӣ ва консепсияи мушаххаси эҷоди бадеӣ дар “Ёддоштҳо”- и С. Айнӣ омӯхта шуда, таъкид мешавад, ки симоҳои асар инъикосгари ҳаёти як давраи муҳими ҳаёти халқ, мардумони оддиву зиёиён мебошанд. Масоили мушаххаси илмӣ ва мушкилоти ҳунари эҷоди бадеӣ дар асари ҷудогонаи нависанда аз дидгоҳи ҳамоҳангии замон ва қаринаи муайяни таърихӣ тасвир шудааст.

- симои муаллиф дар “Ёддоштҳо” ҳамчун иштирокчии фаъол, нерӯманд, наҷиб, мушоҳид ва таҳлилгари ҳассос муҷассам мегардад. Маншаъ ва мабдаи консепсияи эҷодии С. Айнӣ ҳамчун адиби тавоно дар инъикоси арзишҳои умумиинсонӣ ва миллӣ, тафаккури бадеӣ, фалсафӣ ва маърифатӣ таҳқиқ ва баррасӣ гардидаанд.

- еонсепсияи шахсияти эҷодӣ ва симои ҳунарӣ дар “Ёддоштҳо”- и С. Айнӣ ҷанбаҳои умумибашарӣ, миллӣ ва таърихӣ дорад. Муаллифи рисола бо истифода аз истилоҳҳои “консепсияи эҷоди бадеӣ”, “шахсият ва симои ҳунарӣ”, “симои муаллиф”, “ҳунари нависандагӣ” ва монанди инҳо бозтоби андеша ва таҷассуми рӯҳи замон, ҳаёти халқ ва ормонҳои миллиро ёдоварӣ намуда, бо биниши тоза баррасӣ менамояд. Дар ин ҷараён, фикр ва мулоҳизаҳои накди адабии солҳои гуногун дар нисбати осори нависанда ва махсусан “Ёддоштҳо” таҳлил ва таҳқиқ шуда, хулоса ва натиҷагирӣ шудаанд.

-шинохти шахсияту осори мутафаккир ва маорифпарвари бузурги халқи тоҷик Аҳмади Дониш дар охирҳои қарни X1X ба миён омада, бозтоби муҳити сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии замони зиндагиаш дар сарчашмаҳои таърихӣ ва илмӣ маълумоти зарурӣ фароҳам оварда ва аз ҳамин чиҳат тадқиқи бадеии ин марҳилаи муҳими таърихии халқи тоҷик тавассути бозтоби чеҳраи Аҳмади Дониш ва рӯшанфикрони замон дар "Таърихи инқилоби Бухоро" ва «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ ҷиҳатҳои гуногуни ҳаёти маънавии нимаи дуюми асри XIX таҷассум ёфтааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки масъалаи консепсияи мушаххаси афкори адабӣ ҳамчун падидаи ҳунари эҷоди бадеӣ дар қаринаи муайяни таърихӣ ва ҷараёни насри муосири тоҷик бо диди тоза баррасӣ шуда, таъйини фаъолияти адабии нависанда дар иртибот ба ҷанбаи ҳунарию фардияти эҷодӣ дар мисоли “Ёддоштҳо”- и С. Айнӣ, дар пайвандии замону муҳити адабии давр, арзишҳои ҳунарӣ, фарогирии тадқиқоти гуногуни донишмандон ва биниши тозаи нақди адабии даврони истиқлол омӯхта ва тадқиқ шуда, масъалаҳои сиёсиву иҷтимоии замон, мавриди омӯзиш, таҳқиқи ҷомеъ ва арзёбӣ қарор мегирад.

Дараҷа ва савияи идроки муаммои ҳунари чеҳранигорӣ дар осори бадеии С. Айнӣ имкон медиҳад, ки паҳлӯҳои ҷудогонаи тафаккури бадеии нависандаро аз мавқеи нави арзишҳои умумбашарӣ ва миллӣ арзёбӣ кунем. Дар ин замина, кӯшишҳои дарки мавзӯи мазбур зимни таҳқиқи фаъолияти эҷодӣ ва ҷанбаҳои ҳунарӣ ба назар мерасад, вале таҳқиқ ва биниши илмии ин муаммо, шинохти махсусияти тафаккури бадеӣ ва инъикоси афкори адабию эстетикии мавзӯъ дар эҷодиёти С. Айнӣ нав ва судманд мебошад.

**Арзиши назарӣ ва амалии таҳқиқот** дар он аст, ки бори аввал консепсияи бадеию чеҳранигорӣ, ҷанбаҳои маърифатию зебоишинохтӣ, падидаҳои ҳунарӣ ва эҷодии осори насрии С. Айнӣ ва махсусан дар иртибот бо замон ва арзишҳои миллӣ дар “Ёддоштҳо” баррасӣ ва арзёбӣ мешавад. Дар ин замина, осори нависанда таҳлил шуда, қонунияти назарӣ ва амалии таҷассуми симои адиб ва равшанфикрони даврони тасвиргардида муайян карда мешавад. Дар диссертатсия афкори назарӣ дар боби айнишиносӣ ифода гардида, хусусияти тафаккури бадеӣ ва таҷассуми консепсияи шахсият ва симои эҷодӣ дар заминаи “Ёддоштҳо” бозгӯй шудааст. Шинохт ва арзёбии ҳунар ва тафаккури бадеии С. Айнӣ, таблиғи равишу ҷараёнҳои пешқадами адабиёти навини тоҷик бо фарогирии арзиши аҳдофи миллӣ ва зебоишинохтӣ баррасӣ гардидааст..

Натиҷаҳои пажӯҳишро метавон ҳангоми таълифи китобҳои таърихи адабиёти муосири тоҷик, таърихи нақди адабӣ ва адабиётшиносӣ, таълифи китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ аз таърихи адабиёти тоҷик, таҳияи таърихи ҷомеъ ва раванди адабиёти муосир истифода кард.

**Объекти таҳқиқи** диссертатсияро масъалаҳои адабиёти муосири тиҷик, махсусияти жанрҳои эпикӣ дар шакли ёддоштнависӣ дар мисоли “Ёддоштҳо”- С. Айнӣ ва консепсияи эҷодӣ ва фардияти ҳунари чеҳранигории С. Айнӣ ташкил додааст.

**Предмети таҳқиқи** диссертатсия осори насрии устод С. Айнӣ, махсусан “Ёддоштҳо” дар заминаи таҳлил ва баррасии консепсияи ҳунари чеҳранигорӣ ва бозтоби чеҳраи рӯшанфик рон, симои муаллиф ва Аҳмади Дониш иборат мебошад.

**Коркард (апробасия) ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот** дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ (№ , аз . 2019) муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар шакли чор мақолаи тақризшавандаи шомили феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мунташир шудааст.

***Сохтори диссертатсия.*** Рисола аз муқаддима, се боб, шаш фасл, хулосаю китобнома ва 165 саҳифаи компютегӣ иборат аст.

## Муҳтавои асосии таҳқиқот

Дар **муқаддима** зарурати таҳқиқ ва моҳияти мавзӯъ асоснок ва ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот муайян карда шудааст. Инчунин, методи таҳқиқ тавсиф шуда, арзиши назарӣ ва амалии он мушаххас ва дараҷаи таҳқиқи масъала муайян гардидааст.

Боби аввали диссертатсия "**Мушкилоти чеҳранигорӣ дар осори устод С. Айнӣ»** буда, фасли нахусти он ба мавзӯи **"Марҳилаҳои асосии ташаккули ҳунари чеҳранигорӣ дар осори устод С. Айнӣ**" бахшида шудааст.

Масъалаи омӯзиши ҷанбаҳои ҳунарӣ ва адабии осори бадеӣ, аз проблемаҳои муҳиму бунёдии адабиётшиносии муосир мебошад. Таҳқиқу баррасии муфассалу фарогири ин масъала дар осори устод С.Айнӣ имкон медиҳад, ки мо ба коргоҳи эҷодии нависанда ворид шуда, хасоиси вежаи сабкию ҳунарии вайро ошкор созем. Табиист, ки дар замони ҳукмронии мафкураи ҳукмрони ҳизбӣ ба иллати таваҷҷӯҳи бештари муҳаққиқон ба ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва мафкуравии осори адабӣ бисёре аз масоили муҳими ҳунарӣ ва сабкии адабиёт аз назари муҳаққиқон дур мемонд.

Айни замон комилан фазои дигари сиёсиву мафкуравӣ пайдо шуд ва консепсияҳои илмиву пажӯҳишии аҳди Шӯравиро бо диди нав бознигарӣ мебояд намуд. Ин иқдоми суханшиносӣ ва пажӯҳишӣ имкон медиҳад, ки моҳияти адабию ҳунарӣ ва таносуби ҳақиқати воқеию бадеии асарҳои муҳиму мондагори адабиёт аз дидгоҳи тозаи наққодӣ ошкор карда шавад. Аз ин ҷиҳат, дар масири бознигарӣ ва таҳқиқи адабиёти аҳди Шӯравӣ аз нигоҳи нав ба масъалаи ҳунари чеҳранигории устод С. Айнӣ равшанӣ андохта шудааст.

Ҳунари чеҳранигорӣ аз ҷумлаи масоили муҳими поэтикаи асари адабӣ ва хоса насри бадеӣ маҳсуб мешавад. Ин масъала дар ҳар давраи инкишофи адабиёт, аз ҷумла адабиёти муосири тоҷик ба тарзҳои гуногун вобаста ба ҳунару истеъдоди адабии нависандагон бозтоб мешавад. Дар ин замина ба қавли устод М. Шакурӣ «нахустин қадамҳои ҷиддии насри реалистии тоҷик бо номи Садриддин Айнӣ вобастагӣ дорад» (1, 3).

Муҳаққиқон дар баробари сифатҳои гуногуни адабию бадеӣ ҳунари чеҳранигориро дар осори устод С. Айнӣ махсус қайд карда, таҷрибаи бои зиндагӣ, дониши мукаммали ҳаётӣ ва мушоҳидакории ӯро таъкид намудаанд. Устод дар осори худ ҳақиқати воқеӣ ва таърихиро меъёри асосии тасвири бадеӣ қарор

дода, ҷиҳати муҳими коргоҳи эҷодии худро дар оғози «Ёддоштҳо» чунин баён кардааст: «Ёддоштҳоям ба бештарини роман, повест, очерк ва ҳикояҳои таърихиам ба сифати материалҳои асосӣ хизмат карданд». (2, 7).

Ҷараёни ташаккули ҳунари чеҳранигориро дар осори Айнӣ ба се марҳила ҷудо намудан мумкин аст. Марҳилаи аввал ин чеҳраҳое мебошанд, ки ӯ дар нахустин асарҳои пеш аз инқилобиаш офаридааст. Махсусан дар ҳикояҳои «Таҳзиб-ус-сибён» шеваи ҷолиби чеҳранигорӣ моҳият ва вазифаи муҳими тарбиятӣ ва маърифатӣ дорад.

Марҳилаи дуюми инкишофи ҳунари чеҳранигории Айнӣ баъди Инқилоб, аз замоне, ки ӯ ба кори адабиёт камари ҳиммат мебандад, оғоз мешавад. Вай дар «Ҷаллодони Бухоро» ва махсусан повести «Одина» ҳунари чеҳранигориашро хеле ривоҷ медиҳад, ки он ба ташаккули сабку салиқаи нависандагии ӯ вобастагӣ дорад.

Дар «Ҷаллодони Бухоро» яке аз пурфоҷеатарин ва даҳшатноктарин ҳодисаи ҷазо додани гунаҳкорон дар Бухорои давраи амирсолорӣ тасвир ёфта, воқеаи мудҳиши қатли шӯришгаронро, ки аз тарафи одамони амир дастгиру зиндонӣ гардида буданд, ба қалам медиҳад. Нависанда барои тасвири воқеаҳои пуршиддату зудҷараёни арафаи Инқилоби Бухоро усули баёни бадеии қисса андар қиссаро, ки дар насри классикӣ ва омиёнаи форсии тоҷикӣ мақоми хоса дошт, интихоб менамояд. Дар ҳар як ҳикояи ин асар на танҳо манзараҳо ва ҳодисаҳои пурфоҷеаи он рӯзгор, балки чеҳраҳои амир, қозӣ, аълам, миршаб, ҷаллод, гунаҳгори мазлум ва ғайра ба тасвир омадааст.

Дар тасвири Айнӣ чеҳраи умумии ҷадидон бо нишон додани сару либос, ришу мӯйлаб, шуғлаш ва тамоили андешавию ғоявиаш сурат мегирад ва маҳорати чеҳранигории муаллиф ошкор мегардад. Дар баробари тасвири чеҳраи ашхоси гуногун, манзаранигорӣ, махсусан, манзараҳои мудҳиши ҷазодиҳӣ ва одамкушии ҷаллодони амир, нишон додани макону манзилҳо ва хоса атрофии арки Бухоро, ки нуқтаи маркизии ҷараёни ҳодисаю воқеаҳост маҳорати хоси тасвирнигории адибро нишон медиҳад.

Айнӣ аксари ин манзараҳоро аз мавқеи инсонпарварӣ ва башардӯстӣ тасвир менамояд. Дар ҳақиқат, «ғояи инсонпарварии нависанда нафақат дар изҳори ҳамдардӣ ва раҳму шафқат нисбат ба мақтулҳо, балки дар ифодаи нафрату ғазаб, кароҳат ва

эътирози сахти ҷамъияте зуҳур кардааст, ки боиси кушта шудани мардуми бегуноҳ мегардад» (3, 229).

Дар «Одина» мо шеваи дигари тасвири чеҳраи қаҳрамонро мебинем, ки он воқеан далели равшани камолоти ҳунари чеҳранигорӣ аст. Зеро агар дар повести «Ҷаллодони Бухоро» фоҷеаи иҷтимоии ҷомеа ба қалам дода шавад, дар қиссаи «Одина» фоҷеаи рӯзгори шахсии як нафар – Одинаи нокому шӯрбахт тасвир мешавад. Усулу шеваи чеҳранигорӣ дар ин асар вобаста ба мавзӯю мазмун ва иштироки шахсияти достонӣ дар ҷараёни нақл аз ҳам фарқ мекунад. Дар «Одина» сарнавишти инсони мушаххас бо ҳама фоҷеаҳои шахсию иҷтимоияш баён мешавад. Нависанда аз тариқи тасвири симои бадеии Одина муносибати гарму самимӣ, боварию муҳаббати худро ва ҳамдардиву хайрхоҳиву раҳму шафқати хешро нисбат ба мазлумон ва намояндагони халқи оддӣ равшан ифода месозад.

«Бо «Одина» одами оддӣ ва зиндагии рӯзмарраи ӯ, таъкид менамояд , - М. Шакурӣ, фикру ҳиссиёти содда, орзую амали заминии вай ба адабиёти тоҷик дохил гардида, садои тапиши дили инсонии ӯ ба гӯши ҷаҳониён расид (4, 155).

Мавзӯи марказии «Дохунда» талошу мубориза̄и халқ барои инқилоб ва сохтмони ҷомеаи нав мебошад. Нависанда тавассути тасвири чеҳраҳои бадеии Ёдгор, Гулнор хостааст, ки масъалаи нақшу мақоми шахсиятро дар тағйири муҳити иҷтимоӣ ба миён гузорад. Баёни бадеии нависанда онҳоро аз миёни ҷавонони тоҷики он солҳо то ба дараҷаи шахсиятҳои таъсиргузори ҷомеа мерасонад. Дар романи «Дохунда» чеҳраи бадеии Ёдгор нисбат ба Одина фаъолтару муборизтар мебошад, ки ин ба муҳити камолоти шахсияти ӯ иртиботи қавӣ дорад. Нависанда воқаҳои ҳаётӣ ва тағйири афкору андешаи мардумро ҳамчун санъаткор ва адиби тавонои воқеъгӯи бо чеҳраҳои равшани инсонӣ ва нақши ҳодисаю воқеаҳои дорои арзиши адабию эстетикӣ тасвир менамояд.

Асари дигари тасвирҳои аз нигоҳи чеҳранигорӣ ҷолиби устод С. Айнӣ дар романи «Ғуломон» ифода гардидааст. Таълифи ин асар ҳамаи қудрату маҳорати насрнависии С. Айниро ошкор намуд. Дар асар миқдори чеҳраҳои фаъол хеле зиёданд ва пурдоманаву муфассал тасвир шудаанд. Дар баробари тасвири симои зоҳирию ботинии се насли ғуломон ва бойҳову ғуломдорони ҳамон давра боз дар маҷрои нақл як нерӯеро дар назар дорад, ки он куллӣ ва тавоно мебошад. Ин нерӯ ва ин қувваи бузург ба эътирофи аксари муҳаққиқон халқ мебошад, ки

вай созанда ва танзимкунандаи таърих ва равандҳои он аст. Ин ҷиҳати сабки чеҳранигории С. Айниро ба мушоҳида гирифта устод М. Шакурӣ дуруст қайд мекунанд: « ба фардияти инсон диққати махсус додани нависанда имкон фароҳам кард, ки сифатҳои асосии симои маънавии халқ боз ҳам амиқтар падид оварда шавад, нафақат хорию зории халқ дар гузашта ва ҷидду ҷаҳди ӯ ба сӯи адлу инсоф ва озодӣ, балки мураккабият ва хусусиятҳои маънавияти ӯ, ақлу хирад ва дилу нияти ӯ беҳтар нишон дода шавад» (4, 165).

Дар чеҳранигории бадеии Айнӣ на танҳо симои ботинии қаҳрамон бозтоб мешавад, балки моҳияти андешаи эҷодии ӯ, мақсаду ғояи асар ва ҳақиқати воқеию таърихии рӯзгори қаҳрамон таҷассум меёбад. .

Масъалаи омӯзиши марҳилаҳои асосии ташаккули ҳунари чеҳранигорӣ, ҷанбаҳои ҳунарӣ ва адабии осори С. Айнӣ аз мавзӯъҳои муҳиму бунёдии адабиётшиносии муосир мебошад. Таҳқиқу баррасии муфассалу фарогири ин масъала, аз ҷумла дар асарҳои алоҳидаи устод С.Айнӣ имкон медиҳад, ки мо ба коргоҳи эҷодии нависандагон ворид шавем ва хасоиси вежаи сабкию ҳунарии осори бадеии онҳоро ошкор созем.

Дар фасли дуввум “ **Шахсият ва воқеият: таносуби ҳақиқати воқеӣ ва ҳақиқати бадеӣ дар ҳунари чеҳранигории устод С.Айнӣ”** таҳқиқи ҷанбаҳои ҳунарии осори адабӣ таносуби ҳақиқати воқеӣ ва ҳақиқати бадеӣ таҳлил шуда, аз маводи зиндагӣ, аз ҳодисаю воқеаҳо ва шахсиятҳои дорои арзиши адабӣ кор гирифтани нависандаро равшан мегардад.

Устод Садриддин Айнӣ бозтоби ин мушкилотро дар ҳар як асари хурду бузургаш ба мушоҳида мегирад. Ин сифати адабию эҷодиашро М. Шакурӣ чунин таъкид мекунад: «Дар сарнавишти пургунҷоиши устод Айнӣ гӯё як қисми саргузашти халқаш, баъзе лаҳзаҳои муҳими таърихи пурсарвату пурнаҷобат ва сервоқеаву сермусибати тоҷикон, инчунин тамоми роҳи онҳо ба сӯи Октябр ва дигаргуниҳои азими сотсиалистӣ инъикос гардидааст» (4, 147).

Воқеан, устод Айнӣ дар осори гуногунжанр ва гуногунранг мазмуни иҷтимоии рӯйдодҳои атрофро ба андеша гирифта, аз дарки амиқу воқеияти рӯзгори шахсӣ ва иҷтимоии худ ба фаҳмиши фалсафии ҳақиқати замон, ба дарки равшани қонунияти ҷараёни таърих омада расид.

Дар осори С. Айнӣ таҳқиқи бадеии воқеияти зиндагӣ бо таҳқиқи илмии он баробар ҷараён ёфта, ба таърих ва замони

муосир дар пайванди ҳам менигарад, ки омили асосии таърихияти устувори асарҳои адабию бадеии ӯ гардидаанд. Осори Айнӣ сабақи таърих аст ва ӯ худ таърихи зинда ва рӯҳи бедори халқ мебошад. Таърих, сабақи ҳаёт ва дардҳои халқ дар асарҳои ӯ дар ҳамбастагии устувору мантиқӣ падидор шудааст. Ин меъёри устувори дарку маърифати бадеии ҳақиқати воқеиро мо беш аз ҳама дар чеҳранигорӣ ва тасвири симои бадеии ҳамзамонаш мебинем. Дар асарҳои ӯ намояндагони ҳама табақаҳои иҷтимоӣ тасвир шудаанд, ки онро дар маҷмӯъ муҳаққиқон халқ номиданд.

Дар таносуби ҳақиқати воқеию ҳақиқати бадеӣ дар аксар асарҳои бадеии С.Айнӣ чунин муносибати ҳақиқатнигоронаро мушоҳида кардан мумкин аст. Айнӣ воқеаҳои пурдаҳшати одамкуширо, ки асоси сужети повести «Ҷаллодони Бухоро»-ро ташкил медиҳанд ,дар очерки таърихии «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» ба таври муфассал шарҳу тафсир намудааст.

С. Айнӣ дар чеҳранигории бадеӣ маҳорати хос дорад, ки онро метавон ба ҳайси як рукни муҳими мактаби адабии ӯ арзёбӣ кард. Агар мо ҷиҳати коргоҳи эҷодии нависандаро аз нигоҳи таносуби ҳақиқати одамшиносӣ ё ба истилоҳи файласуфҳо *антроногизми* навиштаҳои ӯро метавонем равшан намоем. Аксари чеҳраҳои бадеии офаридаи ӯ хусусияти созмондиҳии сохтори асарро доранд, ки онро ҳам дар ҳикояи нависанда ва ҳам дар асарҳои бузургҳаҷми ӯ мисли «Одина», «Марги судхӯр», «Ятим» ва «Дохунда» дидан мумкин аст.

С. Айнӣ тибқи эътирофи аксари муҳаққиқони осораш на танҳо дар тасвири воқеаҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ, балки дар офаридани чеҳраҳои гуногуни бадеӣ, тасвири симои зоҳирию ботинии намояндагони табақаҳои мухталифи иҷтимоӣ маҳорати баланд дорад. Аз нигоҳи ҳунари нигорандагӣ ва арзиши адабию бадеӣ аксари қаҳрамонҳои ба истилоҳ мусбату манфии асарҳои ӯ дар пояи баланди ҳунарию бадеӣ қарор доранд. Аз ҷумла. чеҳраи бадеии Қорӣ Ишкамба аз нигоҳи ҳунари чеҳранигорӣ дар адабиёти ҷаҳон ҳамсону ҳампоя ва ҳамрадиф надорад. Вай дар офаридани чеҳраҳои бадеӣ ҳам ба суннатҳои адабии гузашта ва ҳам ба суннатҳои навини адабиёти рус ва Шӯравӣ такя менамояд.

Устод С. Айнӣ дар чеҳранигории публисистӣ ҳам маҳорати бузург доштани худро дар «Таърихи инқилоби Бухоро», «Мухтасари тарҷимаи ҳоли худам», «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» ва махсусан чаҳор қисми «Ёддоштҳо» нишон

медиҳад. Махсусан, чеҳраи амирон, қозиҳо, мударрисон ва дигар мансабдорони аморат, намояндагони сафоратхонаҳои Русия, мактабдонону мусалмонони мактабҳои ҷадидия, намояндагони зиёиёни пешқадам, ҷадидон ва маорифпарварони Бухоро бо номҳояшон ва бо нишон додани замону макони воқеии кору фаъолияти онҳо тасвир мешавад.

Дар боби дуюм “ **Бозтоби шахсияти таърихӣ ва симои рӯшанфикрон дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ”** консепсияи бадеии насри муосир дар мисоли таҷассуми симои равшанфикрон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Фасли якуми боби дуввум “Таҷассуми симои равшанфикрон дар “Ёддоштҳо”-и С. Айнӣ” ба тасвири симои шахсияти таърихию ҳунарӣ ва чеҳраҳои равшанфикрони Бухоро бахшида шудааст. «Ёддоштҳо» дар адабиёти шӯравии тоҷик нахустин асарест, ки воқеаҳои муҳимтарини муборизаи синфӣ ва ҷиҳатҳои гуногуни ҳаёти маънавии нимаи дуюми асри XIX-ро таҷассум намуда, шуури иҷтимоии халқ ва моҳияти замонро равшан ифода намудааст, ки бо афкори баланди дилнишин, каломи пурэъҷоз, равшанбаёнӣ, воқеънигорӣ, офариниши симоҳои наҷибу мондагор дар хотир нақшгузор аст.

Устод Айнӣ дар ин асар як давраи муҳими ҳаёти халқро басо фароху доманадор бо лавҳаю манзараҳои бадеӣ ва муносибати шахсиятҳои таърихӣ ба тасвир гирифта, бунёдкории халқро дар симои одитарин ва зеботарин одамон нишон дода, манзараҳои худогоҳӣ ва бедории иҷтимоиро таҷҷассум намудааст. Аксар симоҳои дар «Ёддоштҳо» тасвиршуда бо фазлу камолоти инсонӣ мазмуну моҳияти афкори замонро ифода менамоянд. Таҳқиқи бадеии саҳифаҳои ҳаёти дурахшони халқ, вобаста ба сарнавишти фардҳои барӯманди он ифодагари робита ва идомати наслҳо буда, ёрӣ мерасонад, ки шахс қаробати худро ба халқ, ба таърих ва орзую умеди он эҳсос бикунад ва ормонҳои маънавиро асоси ҳар гуна фаъолияти илмӣ қарор дода, ҳастии маънавии халқ ва рисолати наҷибашро муҷассам созад. Дар ин замина таҳқиқи консепсияи эҷодӣ ва адабии С.Айнӣ арзиши илмӣ, маърифатӣ ва ҳунарӣ дошта, кашфи хусусияти ҳунарӣ ва ҷанбаъҳои иҷтимоию маърифатии осораш дар рушди минбаъдаи адабиёт, фарҳанги миллӣ ва тамоюлҳои тамаддуни муосир аҳамиятнок мебошад.

Тасвири симои рӯшанфикрон ва зиёиёни пешқадам дар «Ёддоштҳо» - и С. Айнӣ ба сифати падидаи тозаи ҳунарӣ дар

насри муосири тоҷик шинохта шуда, ифодагари суннат ва анъанаҳои адабӣ, рӯҳия ва воқеияти замон мебошад. Бозтоби шахсият ва чеҳраҳои ҳунарии зиёиён ва рушанфикрон аз мавзӯъҳои муҳими «Ёддоштҳо» буда, муаллиф муносибати ин табақаи бунёдкори ҷомеаро ба амиру амалдорон ва рӯҳониёни расмӣ бештар нишон дода, муносибати онҳоро равшан тасвир намудааст. Ҷеҳраҳои дурахшон ва симои таъсиргузори зиёиёни пешқадам дар охири асри XIX ҳамчун қувваи бунёдкор ва фаъоли иҷтимоӣ табдил ёфта , ба падидаҳои бедории фикрии ҷомеаи ғафлатмондаи аморати Бухоро мусоидат намуд.

Вусъати ҷанбаҳои ҳунари нависандагии С. Айнӣ дар "Ёддоштҳо" роҳу равиши тозаро дар жанри ёддоштнависӣ муайян намуда, вежагиҳои осори бадеиро дар иртибот ба коргоҳи эҷодии адиб ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Таҳқиқу баррасии масоили чеҳранигорӣ ва шахсияти равшанфикрон ва зиёиён дар "Ёддоштҳо" собит месозад, ки дар ҳақиқат, мактаби адабии устод С. Айнӣ дар насри муосири тоҷикӣ сабақи ибратомӯз буда, муҳимтарин падида ва шохисиҳои осори ӯро муайян сохтааст.

Дар "Ёддоштҳо" симои Аҳмади Дониш, Шамсуддин Шоҳин, Шарифҷон - махдум , Садри Сарир, Ҳоҷӣ Абдулазиз, Муҳаммад Сиддиқи Ҳайрат, Мирзо Ҳаити Саҳбо, Ҳомидбек, Абдулмаҷиди Зӯфунун, Яҳёхоҷа, Қорӣ Абдулкарими Офарин, Мулло Амон, Мулло Туроб ва Ҳоҷӣ Махдум ва дигарон дар заминаи воқеияти таърихӣ ва коргоҳи эҷодии нависанда шинохта шуда, чеҳраи адабии онҳо дар алоқамандӣ бо хислату характер ва фаъолияти иҷтимоӣ равшан зоҳир гаштааст. Муаллиф ба моҳияти муносибатҳои иҷтимоӣ ва маърифатӣ диққат дода, мусодамаи маънавиро ҳамчун воситаи ошкор сохтани хилқати шахсият ва симоҳои таърихӣ ва ҳунарӣ корбаст намудааст. Равшанфикрону зиёиён бо таъмини адолати иҷтимоӣ дар тафсири бадеии муаллиф муҳофизон ва посдорони саодати башар ва амну осоиши ҷомеа мебошанд.

Шинохти шахсият ва таҷассуми симои равшанфикрон ва зиёиён дар «Ёддоштҳо» яке аз масъалаҳои марказӣ буда, ҳамчун ҷузъи сарнавиштсоз ва бақои ҳастии халқ аҳамият пайдо карда, мазмуни амиқи иҷтимоӣ гирифтааст. Дар шахсияти чунин ашхос моҳияти ҳастии инсон, замон ва набзу рӯҳияи ҳаёти иҷтимоӣ равшан ифода меёбад.

Устод С. Айнӣ дар идроки бадеии рӯҳия ва набзи ҳаёти ҷомеа масоили муҳими иҷтимоӣ, ахлоқӣ, таърихӣ ва фарҳангиро

бозгӯ намуда, осори ӯ ба бозсозии тафаккуру маънавият, шинохти меъёрҳои адолати иҷтимоӣ, завқи дунёшиносӣ ва зебоишиносӣ мусоидат менамояд.

Дар фасли дуюм " **Симои муаллиф ва нигориши рӯҳи замон дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ»** бозтоби чеҳраи Садриддин Айнӣ, ки қаҳрамони асосии асар аст, мавқеи шоиста дошта, ташаккул ёфтани характери вай яке аз масъалаҳои муҳими асар маҳсуб меёбад. Симои ҳунарии Садриддин ҳанӯз қабл аз инқилоб ҳамчун шахсияти донишманду адиби нуктасанҷ шинохта шуда, тафаккури адабию эстетикиаш дар муҳити фарҳанги суннатӣ ва шеъру адаби пурғановати ниёкон бунёд ва ташаккул ёфт ва дар қатори фозилони давр ва зиёиёни пешқадам қарор гирифта буд.

Дар "Ёддоштҳо" аз саҳифаҳои нахустин хонанда ба воқеаҳо ва ҳолатҳои зиндагии муаллиф дар як даврони муайяни таърихӣ шиносоӣ пайдо намуда, ҳаёти гузаштаи халқро тоза ба тарзи воқеӣ дарк намуда, қимати зиндагии имрӯзаро ба хубӣ мефаҳмад. Муаллиф диққати асосиро ба тасвиро ҳаёти халқ ва муҳимтарин ҳодисоту руйдоди замон дода, муҳити хонавода, ҳаёти деҳоти Соктаре ва Маҳаллаи Боло хотироту ёди аҷдод, саргузашти пурфоҷеаву ноором ва талхи худ, ҳаёти мадрасаҳои Бухоро, тарзи таълиму тадрис ва барномаҳои дарсӣ, ҳаёти табақаҳои гуногуни аҳолӣ, ҳаракат ва норозигиҳо ба муқобили ҷабру зулм, беадолатӣ, фасод, ваҳшонияти ҳокимони аморати Бухоро ва муҳити иҷтимоиро тасвир менамояд. Вай тасвири ҳаёти иҷтимоии Бухороро дар мавқеи бунёдӣ гузошта, симои худро дар замина ва таъсири он тасвир менаояд, ки он ҳамчун симои марказии асар аз аввал то охир иштирок менамояд.

. Устод С. Айнӣ симои Садриддинро дар ҳолат ва манзараҳои вусаътноки ҳаёти иҷтимоии Бухоро тасвир намудааст. Бухоро маркази тамаддун дар олами Шарқ буда, зодгоҳ, шаҳри кӯдакиву наврасӣ, ҷавониву донишварзии ӯ мебошад. Вай дар ин шаҳр дар партави рӯҳи бузурги аҷдоди ҳунарманду донишвараш ба воя расид ва майл ба сӯи андешаи илмиву адабӣ, маърифатҷӯӣ, маорифпарварӣ ва рӯҳи озоду ҷадиди инсоншиносӣ дошт. Садриддин аз кӯдакӣ бо азобу шиканҷа, талхии рӯзгор ва ғубори зулмоти маънавӣ дучор мегардад, дар байни мардуми оддӣ ва заҳматкаш ба воя расида, ҳамеша ба халқ пайванд буд. Ба муллоҳои мутаассиб, риёкор ва хурофотпараст, ҳокимону мансабдорони аморати Бухоро нафрати беандоза дошт.

Дар баробари ин, аз муносибат ва фитрати асили аҷдоди саидзода, ҳунарманд ва падари ҳалолу покизакор, порсо ва тақводораш ибрат меомӯхт, сабақи зиндагӣ мебардошт. Садриддин мадюни маърифату ҳунармандӣ ва ҳақҷӯиву ҳақталошии ҷадди бузургаш гашта, аксар ҳолатҳо ба кори наққошӣ, кандакорӣ, чубкорӣ, хушзабонӣ ва хушрафтории онҳо садоқат ва меҳр меварзид, аз муносибати падари рӯшанфикр, илмдӯст ва шариатпаноҳаш Саидмуродхоҷа ва тағояш Усто- амак мурур дошт. Муносибати софдилона ва ҳунарпешаи онҳо чун чароғе ба зиндагии ӯ нури маърифат мебахшид, ҳаёти айёми наврасиашро мунаввар сохта, ҳаваси адабиётдӯстӣ, шеъргӯӣ ва пешаи омӯзгориашро пайдо менамуд.

Ташаккули характери Садриддин дар заминаи воқеот ва манзараҳои зиддиятноки ҳаёти иҷтимоии замони кӯдакӣ ва ҷавониаш дар Бухоро сурат гирифта, тасвири ҳодиса ва ашхоси муайяни таърихӣ василаи биниши хислати қаҳрамон шинохта шудааст. Дар инкишофи тафаккури Садриддин муҳимтарин ва арзишмандтарин ҷабҳаҳои зиндагӣ дар ҳамбастагӣ бо саҳнаҳои пурсӯзу гудоз ва тақдирсози сарнавишти таърихии халқ мавқеи асосӣ дорад. Садриддин дар "Ёддоштҳо" ҳамчун иштирокчии бевоситаи воқеоти зиндагӣ ва раванди ҳодисоти таърихӣ фаъолият дошта, ташаккули хислат ва шахсияти ӯ дар ҳамбастагӣ бо нокомӣ ва номуродии халқи заҳматкаш, мубориза зидди муҳити тираву тор, беадолатӣ, ва зулму фасод тасвир ёфтааст.

Садриддин аз кӯдакӣ дар байни мардуми одӣ ба воя мерасад ва ба таъкиди М. Шукуров "алоқаи ӯ аз халқ канда намешуд ва худи вай маҳсули ҳамин муҳит аст. вусъатноки ҳайти иҷтимоии давра, ҳамаи он ҳодиса ва одамоне, ки дар асар тасвир ёфтаанд, сабабгори ҳосил шудани ҳар як хислати қаҳрамон мебошанд, худи зиндагӣ тақдири вайро таъин меамояд." (5. 119)

Дар "Ёддоштҳо" хусусияти ташаккули тадриҷии хислатҳои Садриддин масаълаҳои муҳим буда, омилҳои ташаккулдиҳандаи характери ӯ дар муносибат ба ашхоси гуногун ва ҳодисаҳои зиндагӣ ошкор гардида, барои бедории тафаккур ва шуури ӯ мусоидат намудааст. Садриддин аз айёми хурдсолӣ ва наврасӣ ба мушкилоти пуразияти зиндагӣ гирифтор шуда, ғуссаву ранҷ ва талхиҳои рӯзгорро чашида, ҳар сари қадам як монеаи ҳаётро бартараф карда, дар сангинӣ ва талхии сарнавишт аз имтиҳони замону зиндагӣ мегузарад,

Барои ташаккули характери Садриддин омили муҳим ва сарнавиштсозу созанда ҳамдилӣ бо аҳли заҳмат ва меҳнаткашон буда, таассуроти аз кӯдаки ба гардан гирифтани бори зиндагӣ ва азияти рӯзгор нақш монда, хотираҳои шодию хурсандии тӯи хатна, ҳаёти талху пуразоб ва танг будани аҳволи зиндагонии хонадонро эҳсос намуда, камбағалӣ, азобу уқубат ва беадолатӣ ва аз ҳисоби ёрии мурувваткоронаи хешу таборон зиндагӣ кардани Тӯтипошшои бенаворо мебинад. Табиист, ки фаъолияти Садриддин дар алоҳидагӣ тасвир нашуда, ҳамеша дар пайвастагӣ бо раванди ҳодисаву воқеоти замон ва ашхоси гуногун хоксорона дар қатори дигарон таҷассум меёбад. Ҳамзамон, тарбият ва ташаккули характер ва ҷаҳонбини ӯ дар байни аҳли хонадон ва хешу таборон, мардумони одӣ, шарикдарсону дӯстон ба вуҷуд омада, баъдтар дар байни рӯшанфикрон олами ботинӣ ва маънавиаш такомул меёбад.

Дар «Ёддоштҳо» симои халқ дар маркази диққат буда, чеҳраҳои падару модар, бародарон ва пайвандони Садриддин, ҳунармандон, косибон, мударрисон, толибилмон, равшанфикрон ва ғайра дар маҷмӯъ чеҳраи мардуми Бухорои охири асри XIX ва оғози асри XX-ро таҷассум ва ифода мекунад. Ин чеҳраҳо на танҳо аз нигоҳи хислатҳои инсонӣ аз ҳам фарқ доранд, балки касбу кор, пеша ва доираи манфиатҳои онҳо ҳам аз ҳамдигар фарқ доранд. Ҳангоме ки нависанда дар маҷрои нақл онҳоро ба ҳамдигар дар алоқамандӣ ба тасвир мегирад як чеҳраи мукаммал ва мӯҳташаме дар пеши назари хонанда ба ҷилва меояд, ки он чеҳраи халқ симои мардум мебошад. Образи халқ дар ин асар бо рӯҳи исёнкорона, умедворӣ ба оянда, меҳнатдӯстӣ, меҳру муҳаббат доштан нисбат ба илму адабиёт, мактабу маориф ва ғайра фарқ мекунад. Садриддин дар ҳолатҳои ҷудогона ба одамони гуногун, падар ва хешу табор, тағоҳояш, Тӯтипошшо, Усто-амак (Устохоҷа), Лутфулло-гӯппон , Сайид Акбархоҷа, Иброҳимхоҷа, Ҳабиба, Қутбия, Аҳмади Дониш ва тарафдорони ӯ, олуфтаҳои Бухоро ва коргарони корхонаи рехтагарӣ ва ғайраҳо ба ҳар касе дучор шавад ва ҳар воқеаро медиду мешунид, барои худ хулоса гирифта, фикру ақидаашро такмил медод. Дар зеҳну Садриддин азобу шиканҷа, ҷабру зулм, толону тороҷ, худсариву беадолатӣ ва монанди инҳо нақш мегузоштанд ва барои бедории афкори вай мусоидат менамуданд.

Фаъолияти озодихоҳона ва исёнгаронаи Ҳабиба ва характери қавии ӯ ба Садриддини хурдсол қатъият ва собитқадамиро омӯхта, иродаи маҳкам ва садоқати комили ӯ дар роҳи ба даст овардани

аҳдофи зиндагӣ ба ӯ таъсири намоён гузошта буд. Ҳабиба дар назараш ӯро "ба як кайфияти маҳзунонаи гуворо меандохт ва дар паси он воқеаи ба "ҷонон расидани ҷони Ҳабиба"-ро оварда, "ҳайкали он духтари парипайкари нозукандом" ба назараш ба шакли "як қаҳрамони афсонавӣ муҷассам мегардид" (8, 107).

Дар сӯҳбат бо падараш "бекориро баробари мурдан мешуморад", азхудкунӣ ва фаҳмиши шеърро "чунон ки бачагон наботро макида мазакунон мехурда бошанд, лаззат гирифта мехонд", арзёбӣ мекард (8, 110).

Падар дар дами вопасинаш ба фарзанди худ чунин васият намуд: «Хон! Дар чӣ гуна душворӣ бошад ҳам, хон! Лекин қозӣ нашав, раис нашав, имом нашав! Агар мударрис шавӣ, майлат!... » (6, 170).

Дар тасвири Айнӣ Саидмуродхоҷа ба Садриддин мушоҳидакорӣ, дақиқназарӣ, зиракӣ, кунҷковӣ хотира ва ҳофизаи қавӣ пайдо карданро тарбия намуда, таъкид менамояд, ки «ҳар чизро, ки бинӣ, бо диққат зеҳн монда нигоҳ кун, ҳар гапро, ки шунавӣ, бодиққат гӯш андоз ва агар касе бо ту чизе гӯяд ё коре фармояд, фаҳмида бошӣ ҳам, дубора пурсида ба ёд гир» (6, 149).

Муносибат бо Шарифҷон-махдум ва суҳбату баҳсҳои Яҳёхоҷа, Зӯфунун, Гулшани Ҳомид, Мирзо Азими Сомӣ, Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ, Иброҳими Субҳӣ, Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат ва дигарон доираи бинишу дониши ӯро рӯз то рӯз васеъ карда , бо муҳити илму адабиёти замон ва шеъру шоирони пешқадам дохил намуд, бари инкишофи шуури иҷтимоӣ ва худшиносии ӯ заминаи қавӣ гузошт. Ин аст, ки омилҳои ташаккули шахсият ва бозтоби симои адиб дар заминаи маҳорату ҳунар ва истеъдоди асили адабии ӯ ташаккул ва инкишоф ёфта, барои минбаъд ба дараҷаи шахсияти наҷиб, чеҳраи мондагори таърих, адиби тавоно ва бунёдгузори насри модернистии тоҷикӣ шинохтан мусоидат намудааст.

Дар боби сеюм **"Таҳқиқи осори адабӣ, шинохти шахсият ва бозтоби симои Аҳмади Дониш дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ** осори адабӣ ва чеҳраи Аҳмади Дониш баррасӣ шудааст.

Дар фасли аввал "**Таҳқиқи осори адабӣ ва шинохти шахсияти Аҳмади Дониш"** як қатор корҳои илмию бадеии муҳаққиқон ва адибон таҳлил гардида, рисолати иҷтимоӣ, шахсият ва симои Аҳмади Дониш муайян шудааст. Аҳмади Дониш аз симоҳои намоёнтарини илму фарҳанги қарни XIX дар аморати Бухоро маҳсуб ёфта, мавзӯи меҳварии афкори ӯ ислоҳоти иҷтимоии

ҷомеа буд. Таҳқиқи илмию бозтоби бадеии он пас аз солҳои панҷоҳум ба миён омада, андешаҳои иҷтимоию сиёсӣ, фалсафӣ, маорифпарварӣ, адабию эстетикӣ, динию мазҳабӣ, ки дар осори гаронмояи Аҳмади Дониш баён шудаанд, то ин давр дар шакли муқоисавию татбиқӣ ва таҳлилии бунёдӣ омӯхта нашуда буд.

Аввалин муҳаққиқе, ки муҳити таърихию илмӣ, адабӣ ва фарҳангии замони Аҳмади Донишро дақиқ дарк намуд, устод Садриддин Айнӣ буд. Муҳимияти мероси гаронмояи аллома Аҳмади Донишро устод Садриддин Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик», «Таърихи амирони манғитияи Бухоро», «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» ва махсусан, дар «Ёддоштҳо» жарфназарона ба миён гузошт. Минбаъд дар омӯзиши афкори таърихию фалсафӣ, иҷтимоӣ ва бадеии Аҳмади Дониш адибон ва муҳаққиқони тоҷик С. Улуғзода, А. Мирзоев Х. Мирзозода, А. Баҳоваддинов, З. Раҷабов, Р. Ҳодизода, Ғ. Ашӯров, М. Диноршоев ва дигарон саҳми арзанда гузоштаанд.

Нақши А. Мирзоев дар таҳқиқи рӯзгору осори нависанда ва мутафаккири барҷастаи ин давра Аҳмади Дониш хеле калон аст. Муҳаққиқ бо мақолаҳои пурарзиши таҳқиқотиаш паҳлӯҳои асосии эҷодиёти нависандаи бузургро равшан намуда, мақоми баланди ӯро дар ҳаёти иҷтимоӣ ва адабиёти маорифпарварӣ муайян намуд. Ҳамчунин, дар донишшиносӣ адабиётшинос ва нависанда Расул Ҳодизода, дар таҳқиқи рӯзгору осори бадеии нависанда ва мутафаккири барҷаста- Аҳмади Дониш саҳми намоён гузоштааст. Муҳаққиқ бо асарҳои пуршумори таҳқиқотиаш паҳлӯҳои асосии эҷодиёти нависандаи бузургро равшан намуда, мақоми баланди ӯро дар адабиёти маорифпарварӣ муайян намудааст. Таҳқиқоти адабиётшиносии Расул Ҳодизода фарох ва гуногунҷабҳа аст ва муҳимтарин масъалаҳои илмиро дар бар мегирад. Осори илмиву бадеии Расул Ҳодизода аз қабили "Адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ", "Аҳмади Дониш", "Шоҳин", "Равияи пешқадам дар адабиёти нимаи дуюми асри XIX ", "Чанд саҳифаи нав дар тарҷумаи ҳол ва эҷодиёти Аҳмади Дониш", "Насри бадеии Аҳмади Дониш", "Баъзе масъалаҳои омӯхтани таърихи адабиёти нимаи дуюми асри XIX ", "Ҳуҷҷатҳои пураҳамият аз тарҷумаи ҳоли Аҳмади Дониш", "Аҳмади Дониш ва маданияти рус", "Ситораи саҳарӣ" саҳми арзандае дар омӯзиши адабиёти асри XIX ва донишшиносӣ мебошад. Таҳқиқи рӯзгору эҷодиёти нависанда, маорифпарвар ва мутафаккири барҷастаи ин давра Аҳмади Дониш беш аз ҳама ба ҷустуҷӯйҳо ва меҳнати

пурмашаққати ӯ муяссар гардид. Шинохти шахсияту осори мутафаккир ва маорифпарвари бузурги халқи тоҷик Аҳмади Дониш дар охирҳои қарни XX ба миён омада. бозтоби муҳити сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии замони зиндагиаш дар сарчашмаҳои таърихӣ ва илмӣ маълумоти зарурӣ фароҳам омадааст. Тадқиқи бадеии ин марҳилаи муҳими таърихии халқи тоҷик пас аз эҷоди "Таърихи инқилоби Бухоро"-и С. Айнӣ оғоз ёфта, дар «Ёддоштҳо» ҷиҳатҳои гуногуни ҳаёти маънавии нимаи дуюми асри XIX таҷассум ёфтааст.

Дар фасли дуввуми боби мазкур " **Шахсияти эҷодӣ ва чеҳраи ҳунарии Аҳмади Дониш дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ"** арзёбӣ шудааст. Таҳқиқи бадеии чеҳраи Аҳмади Дониш пас аз эҷоди "Таърихи инқилоби Бухоро"-и С. Айнй оғоз ёфт ва нахустин қадамест дар офаридани симои мутафаккир, адиб, мунаҷҷим, хаттот, алломаи даврон Аҳмад Махдуми Дониш. Дар нигориши устод Айнй симои Аҳмади Дониш ҳамчун муҷассамаи ақлу хирад ва раҳнамои ҳаёт тасвир шудааст: «Дар ҳамин вақтҳо аз уфуқи тираи Бухоро чун ситораи саҳаргоҳӣ, ки дар поёни шабҳои тор дурахшону тобон зоҳир мешавад, ситорае дурахшид. Ин ситора Аҳмад Махдуми муҳандиси Дониш буд, ки ба Аҳмади Калла шуҳрат дошт, алломае буд, ки дар муҳити торике чун Бухорои он давра, замоне, ки аз асбобу анҷом ва адабиёти нави илмӣ дараке набуд, ба чандан фан тахассус пайдо карда буд» (7,.21)

Мустақилфикрӣ, мушоҳидакорӣ, муносибати танқидӣ ва лаёқати инсоншиносӣ ва соҳибандешагии Айнӣ дар ҳолатҳои бо Аҳмади Дониш ба вохӯрдани ва аз осори ӯ баҳра бардоштанаш равшан зоҳир мегардад. «Дар он вақт, -мегӯяд ӯ, - муҳаббат ва тарафдории ман ба Аҳмад-махдум виҷдонӣ буда, ин натиҷаи акси таъсире буд, ки ба сабаби ҳуҷуми бемантиқонаи муллоён ба ӯ дар дили ман пайдо шуда буд» (8, 273).

Руҷӯъ ба таҳқиқи бадеии сарнавишти қаҳрамон ва шахсияти ӯ аз чунин маводи тарҷумаиҳолӣ бунёд ёфта имконият медиҳад, ки Айнӣ зиндагиномаи Донишро дар «Намунаи адабиёти тоҷик» нишон дода, диққати аҳли илму адабро ба таҳқиқи шахсият ва симои ҳунарӣ равон созад. Дар адабиёти муосири тоҷик тавассути бозтоби фардияти шахсони бузурги эҷодкори таърихӣ, бо эҷод шудани «Ёддоштҳо» дар донишшиносӣ қадами устувор гузошта, тамоюлоти тозаи адабӣ ба вуҷуд омад ва шинохти шахсияту офариниши симои одамони наҷиб, адибону ҳунармандон ва зиёиёну рӯшанфикрон мавқеи хоса пайдо намуд. Афкори адабии Аҳмади Дониш ҷиҳатҳои асосии рӯҳияи замон ва инкишофи таърихии онро дар

бар гирифта, «Наводир-ул-вақоеъ»-и ӯ барои равшанфикрон ва аҳли илм таассуроти бузург гузоштааст. Дар ин хусус С.Айнӣ ишора карда чунин менависад: «... вақте ки ман он аҳволи фалокатиштимолро дар мундариҷоти «Наводир-ул-вақоеъ» бо тасвири реалӣ- бо тасвире, ки худ дар зиндагӣ дида будам, дидам, ба ман ҳолати дигар рӯй дод. Дар дили худ гуфтам: Ин аҳволро ислоҳ кардан лозим аст. Инқилоби фикрӣ, кам ҳам бошад, дар ман ана ҳамон вақт рӯй дод» (8, 446)

Устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо» тавассути симои Дониш пеш аз ҳама моҳияти ғоявию эстетикӣ, эҷодиёт ва ақидаҳои Аҳмади Донишро хотирнишон намуда, рӯҳияи замони зиндагӣ ва шароити таърихиро таҷассум менамояд ва симои ӯро дар асоси зикри суханони ҳамфикр, ҳаммаслак ва ҳамзамонони ӯ, аз қабили Садри Сарир, Қозӣ Абдулвоҳид, Ҳомидбеки Ҳомид, Шарифҷон Маҳдуми Садри Зиё, Мулло Амон, Файзибой, Мулло Муҳиддин ва монанди инҳо хеле мукаммалу пурғунҷоиш тасвир менамояд. Мушоҳидаҳои муаллиф аз тасвири симои зоҳирии қаҳрамон, муносибати ӯ бо атрофиён, дар лаҳзаҳои даст ба пеши бар гирифта, таъзим кардани амалдорон, дар қатори уламо ба ӯ ҷомаи банорас пӯшондан, такягоҳи русҳо будан ва ба подшоҳи онҳо ҳамсуҳбат шудан, дар даст асои русӣ гирифта гаштан, бо лакнати забонӣ андешамандона сухан гуфтан, ҳамчун мунаҷҷим эътироф шудан ва монанди инҳо иборат буда, аз хотираҳои ҳамзамонон ва тавзеҳоти мундариҷаи осори Дониш бунёд ёфтаанд.

Дар тасвири Айнӣ фавқуллодагии Аҳмади Дониш ва на танҳо дар ҷуссаи азим ва бадани маҳками ӯст, балки ӯ муҷассамаи ақлу хирад, қатъият ва азму ирода аст. Вақте ки Аҳмад «ба тарафи саломдиҳандагон нигоҳе накард ва ба саломашон ҷавобе ҳам надод, фақат сараш андак ҷунбид» (6,263) ва лаҳзаҳое, ки вай аз муллоёни миёнсаройнишин гузашта истода, «бе он ки ба рӯи касе нигоҳ кунад», «имшаб дар фалон соат моҳ мегирад», ва чун гирифтани моҳ сар шуд, «ба-ба осмон нигаред» (6, 265) мегӯяд, дуруст баромадани пешгӯии худ ифтихор мекунад, таъкиди пирӯзии неруи илм бар ҷаҳолат ва зарбаи сахт ба ҷаҳолатпарастон буд.

Айнӣ ҳавлии Аҳмади Дониш, боғчае, ки рӯи ҳавлиро ташкил медод, тарҳи ин боғчаро, ки аз рӯи донишҳои ҳандасавии Дониш тартиб ёфта буд, муфассал тартиб кардааст (8, 270-271). Ин тасвир соҳиби завқи баланд ва табъи пурҷӯш, мавҷудияти доира, танбӯр, дутор ва рубоб, ки дар токчаҳои болохона

меистоданд (8, 272) ва ҳафтае як шаб дар хонаи худ шабнишинӣ ташкил дода, ҳамроҳи дӯстон бо базми мусиқию суруд машғул шудани ӯро ҳамчун шоҳиди завқи саршор, хаётдӯстӣ ва зиндадилии ӯ таҷассум месозад.

Дар «Ёддоштҳо» суханони шахсони гуногун дар бораи Аҳмади Дониш зикр шудааст, ки барои равшан кардани симои ӯ аҳамият дорад. Шарифҷон-махдум «ошиқи асарҳои Аҳмад-махдум буд» (8, 444), онҳоро ёфта, махфиёна китобат мефармуд. Мулло Амон Донишро «бузургтарини донишмандони замони мо» номидааст (8, 356).

Айнӣ дар бораи қаду қомат, ҷусса, андом, феълу атвор ва мизоҷи ӯ маълумоти дақиқ ва пурарзиш медиҳад. «Ин одам,- менависад устод Айнӣ,- қомати баланде дошт, баландии қоматаш ба дараҷае, ки ҷомаи банораси подшоҳии дар тан доштааш баробари зонуяш буд… Тани ин одам ба тарзе пурра буд, ки баландии қоматаш ҳис карда намешуд ва ба назар миёнқад менамуд. Гӯё дарзии табиат қаду бари ин каси ба як андозаи бисёр муносиб бурида дӯхта буд…(6, 263)

Дар баробари ин, дар бораи муҷассамаи ақлу хирад, фавқулодагию ғайриоддӣ будани қувваи истеъдоду қудрати илму маҳорати Дониш осори ӯ, хотироту ёддошти дӯстону муосирон ва нақлу суҳбатҳои ҳамзамонаш ба сифати манбаи боэътимоди эҷоди бадеӣ хизмат намудааст. Гарчанде рӯҳониёни мутаасиб ӯро «аҳли бидъат ва бехудо», «фахрии нолоиқ», «бедину худобехабар», «кофир», «гумроҳ», «шогирду дӯсти шайтон», «ҷодугар», «сеҳрбоз» ва ғайраҳо ном мебурданд, Айнӣ ӯро ҳамчун «доҳии модарзод», «одами аҷиб», «фавқулодда», «ғайриоддӣ», «зоти бузург», «як гавҳари ноёб», «бузургтарин донишманди замон», «алломаи давр», «ситораи тобони уфуқи тираи Бухоро» номида, нерӯи заковатманд, симои мутафаккирона вайро эътироф менамоянд.

Дар тасвири Айнӣ, Дониш ҳамчун муҷассамаи ақлу хирад намоён гаштааст: «-Аҳмад-маҳдум одами бисёр бузург буд, бузургии ӯ на аз ҷиҳати муллоиаш, на аз ҷиҳати синну солаш ва на аз ҷиҳати ҷуссааш буд, балки бузургии ӯ дар ин буд, ки ҳар бинанда дар зери салобат ва маҳобати ӯ мемонд ва дар айни замон ӯро бо муҳаббати тамом ҳурмат мекард» (3. 463)

Дар ҳақиқат, дар «Ёддоштҳо» ҳанӯз тасвири амиқи характер, шахсият ва чеҳраи адабии Дониш ба таври васеъ сурат нагирифтааст. Нияти эҷодии устод Айнӣ аз он иборат буд, ки оид ба фаъолияти эҷодӣ, ақидаҳои иҷтимоӣ, маорифпарварӣ ва

нақши Дониш дар ташаккули минбаъдаи ҳаёти адабӣ асаре эҷод кунад. Мутаассифона, амалӣ гардонидани ин мақсад бо сабабҳои гуногун ба устод Айнӣ мушарраф нагашт.

Дар **хулоса** натиҷаҳо чунин ҷамъбаст гардидаасст:

1.Дар шинохти шахсият ва фардияти эҷодии С. Айнӣ омилҳои фарҳангиву таърихӣ, шахсони ҷудогона нақши муассир дошта, аз оғоз талошҳои маърифатпарварӣ ва тамоюли ахлоқписандӣ чеҳраи ҳунарӣ ва ахлоқии ӯро шакл додааст. Биниши амиқи таҳлилӣ дар шинохти воқеияти зиндагӣ ва ҳақиқати бадеӣ василаи шинохти тамоюлҳои муфид ва зиёновари иҷтимоиву ахлоқии ҷомеа шинохта шуда, шеваи чеҳранигориро худи ӯ дар аксари асарҳои насриаш риоя шудааст.

2.Таҳқиқи марҳилаҳои асосии ташаккули ҳунари чеҳранигорӣ дар осори С. Айнӣ дар заминаи таҳлили санадҳои муҳими ҳаётии адиб ӯро ҳамчун шахсияти тавоно ва симои наҷиб муаррифӣ карда, шахсият ва чеҳраи адабиашро мутобиқи риояи таносуби воқеяти ҳаёт ва ҳақиқати бадеӣ таҷассум намудааст.

3.Дар заминаи биниши нави таҳқиқи рӯзгору осори С. Айнӣ консепсияи арзишманди афкори эҷодии ӯ дар қарина ва муҳити адабии замон мушаххас гардидааст. Баррасӣ ва арзёбии консепсияи мушаххаси илмию эҷодӣ дар мисоли асари ҷудогонаи нависанда ва қаринаи муайяни таърихии ташаккул ва таҳаввули насри муосири тоҷикӣ сурат гирифтааст.

4.Фардияти эҷодӣ ва ҳунари нависандагии устод С. Айнӣ дар мисоли “Таърихи инқилоби Бухоро», «Мухтасари тарҷимаи ҳоли худам», «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро», “Ёддоштҳо”ва дигар асарҳои насрии нависанда муайян шудааст. Падидаҳои ҳунарӣ, биниши тафаккури бадеии нависанда ҷанбаҳои маърифатию зебоишинохтӣ ва бозтоби шахсияти таърихию чеҳраи адабӣ, симои муаллиф ва афроди эҷодкор дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ равшан гардидааст.

5.Устод Садриддин Айнӣ аз афкори адабиву фалсафии мутафаккири бузурги халқи тоҷик Аҳмади Дониш баҳраҳо бардошта, бо рушанфикрон, озодандешон ва ҷадидон пайравӣ ва ҳамкорӣ намуда, аз нахустин муҳаққиқон дар шинохти осор, шахсият ва симои Аҳмади Дониш аст. Мактаби адабии Айнӣ ба наслҳои имрӯзу оянда ҳамчун такягоҳ ва сарчашмаи зулолу покиза ҳамеша хидматгузор буда, дар омӯзиши осори ғановатманд ва шинохти тамадуну фарҳанги бостониамон нақши мондагор доради;

6. Дар ҷараёни инъикоси бадеӣ таҳлил намудани сарнавишти Аҳмади Дониш барин намояндагони барҷаста боиси инкишофи минбаъдаи худшиносии миллӣ гашта, ворисияти таърихӣ, анъанаву суннат ва робитаи замонҳоро идома ва инкишоф медиҳад.

7. Таҳқиқи бадеии саҳифаҳои ҳаёти дурахшони халқ, вобаста ба сарнавишти фардҳои барӯманди он ифодагари робита ва идомати наслҳо буда, ёрӣ мерасонад, ки шахс қаробати худро ба халқ, ба таърих ва орзую умеди он эҳсос бикунад ва армонҳои маънавиро асоси ҳар гуна фаъолияти илмӣ қарор диҳад.

8. Дар адабиёти муосири тоҷик тавассути бозтоби фардияти шахсони бузурги эҷодкори таърихӣ, аз ҷумла донишшиносӣ қадами устуворона гузошта, бо эҷод шудани «Ёддоштҳо» тамоюлоти тозаи адабӣ ба вуҷуд омад ва шинохти шахсияту офариниши симои одамони наҷиб, неруҳои эҷодкор, адибону ҳунармандон ва зиёиёну рӯшанфикрон мавқеи хоса пайдо намуд.

9. Садриддин Айнӣ иқдоми наҷиби маорифпарваронаи Аҳмади Дониш ва дигар равшангарону маорифпарваронро идома дода, дар «Ёддоштҳо» симои равшанфикрон ва шахсони наҷиб, афкору андеша, мақоми иҷтимоӣ ва масъулияти фардро ба сифати як шахсияти неруманд таҷассум ёфтааст.

10. Бозтоби чеҳраи ҳунарии Аҳмади Дониш дар «Ёддоштҳо» як навъ хусусияти илмию бадеӣ ё публисистӣ дошта, шарҳи ҳол, фаъолияти адабӣ ва нақли мазмуни баъзе аз бахшҳои осори адабии ӯро дар бар мегирад. Симои Дониш дар асар тавассути тасвири ҳодиса ва воқеоти иҷтимоӣ ва рӯзгору мероси адабии ҳамзамонони ӯ хеле барҷаста ва воқеӣ таҷассум ёфта, ҳамчун муҷассамаи ақлу хирад намоён гаштааст.

**Адабиёти иқтибосшуда:**


1. Шукуров М. Таърихи адабиёти советии тоҷик: насри солҳои 1945-1974. Ҷ.4.-Душанбе: Дониш, 1980, с. 3
2. Айнӣ С. Куллиёт Ҷ.6.-Душанбе:Нашрдавтоҷ, 1962, с. 7
3. Таърихи адабиёти советии тоҷик: инкишофи жанрҳо, иборат аз шаш ҷилд. Ҷ. 1.-Душанбе: Дониш, 1984, 229
4. Шукров М. Пайванди замонҳо ва халқҳо. : Маҷмӯаи мақолаҳо.-Душанбе: Ирфон, 1982, с. 155
5. Шукуров М. Хусусиятҳои ғоявию бадеии “Ёддоштҳо”-и С.Айнӣ. –Душанбе: Дониш, 1966. С. 119
6. Айнӣ С. Куллиёт ,Ҷ.6.-Душанбе:Нашрдавтоҷ, 1962
7. Айнӣ С. Куллиёт , Ҷ.3.-Душанбе:Нашрдавтоҷ, 1962
8. Айнӣ С. Куллиёт ,Ҷ.7.-Душанбе:Нашрдавтоҷ, 1962


**Натиҷаи асосии диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтаанд:**

**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

1. Бобораҷабова Г. З. Таҷассуми шахсияти эҷодӣ ва чеҳраи Аҳмади Дониш жар “Ёддоштҳо”-и С. Айнӣ. // Паёми ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. - Душанбе. – 2018 - № 4 (76). - С. 190-194.
2. Бобораҷабова Г. З. Маҳорати чеҳранигорӣ дар повести “Одина”, романҳои “Дохун да” ва “Ғуломон”- и С. Айнӣ, // Паёми ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе – 2018 - № 2 (74). - С. 191-195.
3. Бобораҷабова Г. З. Шахсияти эҷодии Аҳмади Дониш дар осори Садриддин Айнӣ. // Паёми ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. - Душанбе. – 2018 - № 6. - С. 64-69.
4. Бобораҷабова Г. З. Симои Садриддин дар “Ёддоштҳо”-и С. Айнӣ. // Паёми ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе – 2019 - № 2. - С. 71-76.